«Тасдиқ мекунам»
Ректори Муассисаи давлатии
таълимии «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав»
доктори илмҳои иқтисодӣ
_____________Қурбонзода М.Р.
«_03_» ____12____соли 2024

**ХУЛОСАИ**
**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ»**

Диссертатсияи **Кабиров Шарифбек Абдусаломович** дар мавзуи **«Хусусиятҳои тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишӣ аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар кафедраи назария ва типологияи забони англисии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба анҷом расидааст.

**Кабиров Шарифбек Абдусаломович** аз соли 2017 то ин ҷониб ҳамчун омӯзгори кафедраи курси амалии забони англисии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав фаъолият намуда истодааст. Ӯ соли 2017 Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав ҳозира (Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»)-ро аз рӯи ихтисоси омӯзгори забони англисӣ хатм намудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Ҳасанова Шаҳло Раҳмоновна, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, декани факултети забонҳои Осиёи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва мушовири илмӣ номзади илмҳои филологӣ, и.в. дотсент Олматова Шарофат Сафаралиевна мебошанд.

Кабиров Шарифбек Абдусаломович ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи назария ва типологияи забони англисии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи

Носири Хусрав бо фармоиши №464-фа аз 20 декабри соли 2021 қабул шуда, мавзуи номзадии ӯ дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 30 ноябри соли 2021, таҳти №4 тасдиқ шудааст.

Диссертатсияи Кабиров Шарифбек Абдусаломович дар мавзуи «Хусусиятҳои тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишӣ аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ» дар кафедраи назария ва типологияи забони англисии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба анҷом расидааст.

Дар асоси натиҷаи муҳокима дар ҷаласаи васеи кафедраи назария ва типологияи забони англисии факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав **чунин хулоса бароварда шуд:**

Диссертатсияи Кабиров Шарифбек Абдусаломович ба мавзуи хеле муҳим ва таҳқиқношудаи илми забоншиносӣ бахшида шудааст. Воқеан, унвонҷӯ возеҳу бамаврид таъкид намудааст, ки дар охири асри XIX рушди босуръати варзиш ба миён омада, калимаву истилоҳоти зиёде ба вуҷуд омаданд, ки таркиби луғавии забонро боз ҳам ғановатмандтар гардониданд. Бинобар ин ҳам мавзуи «Хусусиятҳои тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишӣ аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ» нахустин таҳқиқот дар забоншиносии тоҷик маҳсуб меёбад. Дар забони имрӯзаи тоҷикӣ бештари мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳо махсусан ба воситаи тарҷумаи адабиёт, адабиёти мухталиф аз забонҳои хориҷӣ аз ҷумла аз забони англисӣ ва русӣ, инчунин дар шакли иктибосот аз забонҳои гуногун дохил гардидаанд. Қобили зикр аст, ки ин рисола таҳқиқоти пурмуҳтаво ва арзишманди илмӣ буда, ба яке аз масъалаҳои мубрами рӯз бахшида шудааст.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Дар ҷомеаи имрӯзаи ҷаҳонӣ варзиш мақоми махсусро дар муносибати иҷтимоӣ-фарҳангӣ ишғол менамояд, ки омӯзиши муқоисавии сохтор ва тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишӣ иқдоми аввалин дар забоншиносии муқоисавии тоҷик мебошад. Таҳқиқоти омории гузаронидаи мутахассисон нишон медиҳад, ки вақтҳои охир дар соҳаи варзиш намудҳои гуногун ба вуҷуд омада, рӯз то рӯз рӯ ба

тараққӣ ниҳода истодаанд. Мавриди қайд аст, ки дар фазои иттилоотӣ соҳаи варзиш нақши муҳимро бозида истодааст, зеро баргузории чорабиниҳои варзишии сатҳи байналмилалӣ ва тарбияи варзишгарони сатҳи ҷаҳонӣ аз омилҳоест, ки барои бедор намудани шавқи мардуми кишварҳои гуногун ва муаррифии Тоҷикистон ба онҳо ҳамчун кишвари соҳибистиқлол мусоидат менамояд.

Муҳаққиқ қайд намудааст, ки бозиҳои варзишӣ вазифаҳои гуногунро дар такмили соҳаҳои, фарҳанг, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ адо менамоянд. Инчунин, варзиш дар тақвият бахшидани муносибатҳои дуҷонибаи кишварҳо нақши бориз дорад. Варзишгарони Тоҷикистон пас аз ба истиқлол расидани мамлакат дар мусобиқаҳои умумиҷаҳонии варзишӣ ширкат варзида, Ватани моро дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ мекунанд. Варзиш чун дигар соҳаҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи имрӯзаи тоҷик яке аз соҳаҳои муҳим ба шумор рафта, ҳукумати ҷумҳурӣ ба рушду тараққии он таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекунад. Ширкати варзишгарони тоҷик дар мусобиқаҳои варзишии байналмилалӣ нишон медиҳад, ки тоҷикон дар риштаи варзиш аз дигар халқу миллатҳо кам нестанд.

Имрӯз, ки Тоҷикистон ба сифати як кишвари дар ҳоли рушди тараққӣ дар олам шинохта шудааст, забоншиносонро лозим аст, ки тарҷумаи мафҳумҳо, ибораҳо, вожаву истилоҳоти ҳар як соҳаи ҷудогонаро таҳқиқ намуда, бо шарҳу тавзеҳи илмӣ ба дастандаркорон пешниҳод намоянд. Масъалаи омӯзиш, таҳлил ва баррасии ин ё он қисмати забоншиносӣ аз нигоҳи муқоисаву муқобала яке аз муаммоҳои мубрами забоншиносии муқоисавӣ-типологӣ маҳсуб меёбад.

Ширкат дар мусобиқаҳо ва чорабиниҳои байналмилалии варзишӣ донистани забони англисиро тақозо менамояд. Муоширот дар ҳамаи мусобиқаҳо, чорабиниҳои варзишӣ ва интишори иттилоот бо забони англисӣ сурат мегирад, аз ин лиҳоз барои варзишгарони тоҷик донистани калимаву истилоҳот ва мафҳумҳои варзишӣ бо забони англисӣ зарур ва ҳатмӣ мебошад.

Таҳқиқи муқоисавии калимаву мафҳумҳо, ибораю вожаҳои ин ё он соҳа имкон медиҳад, ки шакли дурусти саҳеҳи онҳо барои корбасту истифода пешниҳод гардад. Аз ин хотир, тарҷумаи як қатор мафҳумҳо, вожаҳо ва матнҳои варзишӣ дар назди забоншиносон ва тарҷумонҳо вазифаҳои муҳимтарро мегузорад.

Барои расидан ба мақсаду ҳадафҳои таҳқиқ муҳаққиқ ба дастовардҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ, ба монанди А.В. Алексеев, Г.И. Атаманова, Л.С. Бархударов, Н.Н. Бобирова, С.В. Гринев, А.М. Гуреева, А.А. Елистратов, В.Н. Комисаров, А.А. Малуш, Е.В. Птушкина, А. Аурбеч, Е. Берсес, Ҷ. Китфор, М. Милик, М. Б. Шаҳобова, П. Ҷамолиддинов, Б. Камолиддинов, А. Мамадназаров ва дигарон такя намуда, аз онҳо ба таври самаранок истифода бурдааст.

Лозим ба ёдоварист, ки муҳаққиқ дар раванди таҳқиқ, аслан, ба корҳои илмии олимону забоншиносоне, ки ҷанбаҳои гуногуни калимаву истилоҳот ва мафҳумҳои варзиширо мавриди омӯзишу пажуҳиш қарор додаанд, такя намудааст. Инчунин асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Тоҷикон дар оинаи таърих», «Аз Ориён то Сомониён» ва «Забони миллат – ҳастии миллат»-ро ҳамчун заминаи методологии таҳқиқ мавриди истифода қарор додааст.

**Мақсади таҳқиқот.** Ҳадафи асосии таҳқиқи диссертатсиониро пажуҳишу омӯзиши хусусиятҳои тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишии забони англисӣ ба забони тоҷикӣ ташкил медиҳад. Муҳаққиқ ҷиҳати ба мақсаду ҳадафҳои худ ноил шудан ҳаллу фасли вазифаҳои зеринро зарур мешуморад:

– ба низом даровардани маводи назариявӣ ва амалӣ доир ба мавзуъ;

– таҳлили маводи назариявӣ ва натиҷагирии он;

– муайян кардани хусусиятҳои хоси калимаҳои варзишӣ ҳамчун лексикаи соҳавӣ дар забоншиносӣ;

– таснифоти мисолҳои калимаву истилоҳоти варзишӣ дар забони англисӣ;

– муайян кардани хусусиятҳои хоссаи тарҷумаи мафҳумҳои варзишӣ бо забони англисӣ ва мавқеи онҳо дар рушди илми забоншиносӣ;

– нишон додани роҳҳо, ва усулҳои асосии тарҷумаи мафҳумҳои варзишии забони англисӣ ба забони тоҷикӣ;

– муайян кардани роҳҳои калимасозии мафҳумҳои варзишӣ;

– муайян кардани роҳҳо ва усулҳои асосии тарҷумаи мафҳумҳои варзишии англисӣ ба забони тоҷикӣ;

– таҳлили хусусияти луғавӣ ва маънои мафҳумҳои варзишии забони англисӣ;

– пажуҳиши роҳу усулҳои ташаккули мафҳумҳои варзишии забони англисӣ;

– пажуҳиш ва омӯзиши усулҳои асосии хусусиятҳои тарҷумаи калимаҳои варзишии забони англисӣ ба забони тоҷикӣ.

Сарчашмаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро асарҳои муҳақиқони ватанӣ ва хориҷӣ, адабиётҳои илмӣ, фарҳангҳо, луғатҳои дузабонаи англисӣ-тоҷикӣ, сомонаҳои интернетӣ, мақолаҳои илмӣ ва дигар сарчашмаҳо ташкил медиҳанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ** аз он иборат аст, ки дар он натиҷаи омӯзиши назариявии мафҳумҳои варзишӣ, усулҳо ва методҳои тарҷумаи мафҳумҳои варзишии забони англисӣ ба забони тоҷикӣ, як қатор мушкилоти тарҷумаи калимаҳои соҳаи варзиш аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ ошкор гардидаст. Нахустин бор дар диссертатсия хусусият ва методҳои асосии тарҷумаи мафҳумҳои варзишии забони англисӣ ба забони тоҷикӣ муайян карда шудааст. Инчунин умумият ва фарқияти мафҳумҳои соҳаи варзиш дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ нишон дода шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби** дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот пеш аз ҳама, дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъала, омӯзиши дурусти таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ, таҳлили маводу натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои таҳқиқотӣ бадастомада, истифодаи маҷмуи усулҳо вобаста ба мавзуъ, максад ва вазифаҳои таҳқикот дар ташкил ва баргузор намудани таҳқиқоти омӯзишӣ, тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар раванди таҳқиқ, таҳлили

натиҷаҳо ва коркарди маълумот, дар таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва дар коркарди таҳқиқоти диссертатсионӣ зоҳир мегардад.

Диссертатсияи Кабиров Шарифбек Абдусаломович ба масоили марбут ба таҳқиқи тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишӣ аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ бахшида шуда, аз муқаддима, ду боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, манбаъҳо, бунёди назариявӣ ва методи таҳқиқ, навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсия, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ ҷой дода шуда, ба талаботи ҳамин гуна корҳои илмӣ пурра ҷавобгӯ мебошад.

Боби якуми диссертатсия **«Асосҳои назариявии мафҳумҳои соҳаи варзиш»** ном дошта, аз чор фасл иборат буда, ба масъалаҳои назариявии тарҷумаи калимаву истилоҳ ва мафҳумҳои соҳаи варзиш аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ бахшида шудааст. Дар боби мазкур муҳаққиқ мавқеи калимаву истилоҳ, мафҳумҳои варзишӣ дар лексикаи забони англисӣ, тоҷикӣ ва хусусиятҳои луғавии онҳо, инчунин таснифоти мафҳумҳои варзиширо таҳқиқ намудааст. Ҳамчунин муҳаққиқ теъдоди зиёди калимаву истилоҳоти ифодакунандаи мафҳумҳои варзишӣ ба он гурӯҳи калимаҳое таалluқ доранд, ки тавассути овонависӣ ва нусхабардорӣ тарҷума мешаванд маълумоти пурра додааст.

Боби дуюми диссертатсия **«Вижагиҳои тарҷумаи мафҳумҳо, ибораҳо ва вожаҳои варзишии забони англисӣ ба забони тоҷикӣ»** унвон дошта, аз се фасл ва ду зерфасл иборат мебошад. Дар боби мазкур муҳаққиқ оид ба ҷанбаҳои хосси тарҷумаи мафҳумҳои варзишии забони англисӣ ба забони тоҷикӣ, усулҳои тарҷумаи мафҳум ва сленгҳои варзишӣ, мусоҳибаҳои варзишӣ ва хусусияти тарҷумаи онҳо, мафҳумҳои варзишии англисӣ дар матнҳои публитсистӣ-бадеӣ ва хусусиятҳои тарҷумаи онҳо дар забонҳои муқоисашаванда маълумот додааст.

Ҳар як бобро муҳаққиқ бо хулосаҳои мушаххас ҷамъбаст намудааст. Хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, бо методологияи муносибати системавӣ, консепсияи илмии ташхиси лингвистӣ асоснок гардида, ба методҳои назариявии таҳқиқот такя мекунанд. Онҳо инчунин бо таҷрибаҳои шахсии муаллифи диссертатсия тасдиқ шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Таҳқиқи мазкур натиҷаи ҷустуҷӯ ва заҳмати беандозаи унвонҷӯ маҳсуб ёфта, мазмуну мундариҷаи диссертатсия дар ҷаласаҳо ва семинарҳои илмии кафедраи назария ва типологияи забони англисии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, инчунин дар дигар ҳамоишу конфронсҳои ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалӣ пешниҳод гардидааст.

Диссертатсияи Кабиров Шарифбек Абдусаломович аз он ҷиҳат ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки ба таҳқиқоти илмии забоншиносии муосир такя карда, дар он аз методҳои маъмули таҳқиқи илми забоншиносӣ - методи таҳлил, методи муқоисавӣ, ҳамгироии методҳои низомӣ, методи таҳлили миқдорӣ ва семантикӣ, таснифоти луғавӣ истифода карда шудааст.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ: Таҳқиқоти диссертатсионии Кабиров Шарифбек Абдусаломович ба муқоисаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ бахшида шудааст. Аз ин рӯ, таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пурра мутобиқат менамояд.

Натиҷа ва нуктаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 9 мақолаи илмӣ, ки аз он 6-тояш дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3-тояш дар маҷмуаи маводи конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба табъ расидаанд, инъикоси худро ёфтаанд.

## ИНТИШОРОТ АЗ РУЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ:

### 1. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:

**[1-М]. Кабиров Ш. А.** Методологияи таҳлил ва тарҷумаи сленги варзишии забони англисӣ / Ш.А. Кабиров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Бохтар, 2023. №1/3(113) С. 53-58. ISSN 2663-5534

**[2-М]. Кабиров Ш.А.** Таҳлили истифодаи табдилдиҳии тарҷума дар тарҷумаи мафҳумҳои варзишии англисӣ/ Ш.А. Кабиров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Бохтар, 2023. №1/4(116) С. 26-31. ISSN 2663-5534

**[3-М]. Ҳасанова Ш.Р., Кабиров Ш.А.** Мафҳумҳои варзишии англисӣ ва махсусияти онҳо [Матн] / Ш.Р Ҳасанова., Ш.А. Кабиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе 2024. – №5. –С.42-47. ISSN 2413-516X.

**[4-М]. Кабиров Ш.А.** Ҳалли методии тарҷумаи мафҳумҳои варзишӣ аз забони англисӣ ба тоҷикӣ [Матн] / Ш.А. Кабиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе 2024. – №5. –С.78-83. ISSN 2413-516X.

**5-М]. Кабиров Ш.А.** Ҷанбаҳои назариявии тарҷумаи мафҳумҳои варзишии англисӣ бо забони тоҷикӣ [Матн] / Ш.А. Кабиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе 2024. – №6. –С.75-80. ISSN 2413-516X.

**[6-М].** Кабиров Ш. А. Лексикаи варзишии забони англисии муосир ва таснифоти он / Ш.А. Кабиров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Бохтар, 2024. №1/3(125) С. 167-171. ISSN 2663-5534

**2. Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:**

**[7–М]. Кабиров Ш. А.** Мусоҳибаи варзишӣ ва хусусияти тарҷумаи онҳо [Матн] / Ш. А. Кабиров // «Актуальные проблемы языкознания и литературоведения в современном времени». (маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ). Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. – Душанбе, 2022. – С. 254-259.

**[8–М]. Кабиров Ш. А.** Мафҳумҳои варзишии англисӣ дар матнҳои публитсистии бадеӣ ва хусусиятҳои тарҷумаи онҳо [Матн] / Ш. А. Кабиров // «Актуальные проблемы филологии, перевода и методики преподавания русского и английского языков в образовательных учреждениях» (маводи конференсияи ҷумҳурияви). Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2023. – С. 200-209.

**[9–М]. Кабиров Ш. А.** Мафҳумҳои варзишии англисӣ ва махсусияти лексикаи онҳо [Матн] / Ш. А. Кабиров // «Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ, тарҷумашиносӣ ва усулҳои таълими забонҳои хориҷӣ дар замони муосир» (маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ). Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2024. – С. 171-175.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи **Кабиров Шарифбек Абдусаломович** дар мавзуи «**Хусусиятҳои тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишӣ**

**аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ба талаботи «Низомномаи шурои диссератсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, ҷиҳати дифоъ тавсия дода мешавад.

Қарори мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраи назария ва типологияи забони англисии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар таърихи 28 ноябри соли 2024 суратҷаласаи №4 қабул карда шуд.

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:** 14 нафар. доктори илм, дотсент –1 нафар; номзади илм, дотсент – 1 нафар; номзади илм, муаллими калон – 5 нафар; омӯзгорон – 7 нафар.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** «тарафдор» – 14 нафар, «муқобил» – нест, «бетараф» – нест.

Раиси маҷлис, н.и.ф., мудири
кафедраи назария ва типологияи
забони англисии факултети
забони англисии МДТ«Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» __________ Олматова Шарофат Сафаралиевна

Котиби илмӣ:
Омӯзгори кафедраи назария
ва типологияи забони англисӣ __________ Муродов Исмоил Саидович

Имзоҳои Олматова Ш.С. ва
Муродов И.С. -ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Исозода Тоҷиддин Исо

«_03_»_12_ соли 2024

735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67
тел: (83222)02-45-20;02-22-53
E-mail: btsu78@mail.ru,
Сомона: http://www.bgu.edu.tj